**МДТ “ДОНИШКАДАИ ИҚТИСОД ВА САВДОИ ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ТИҶОРАТИ ТОҶИКИСТОН”**

*Бо ҳуқуқи дастнавис*

**ТДУ 332(575.3)**

**АМИНОВА ФИРӮЗА МУБИНҶОНОВНА**

# ТАШАККУЛЁБИИ МЕХАНИЗМИ РУШДИ УСТУВОРИ СОҲАИ САНОАТИ МИНТАҚА

**(дар мисоли вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон)**

## АВТОРЕФЕРАТИ

**диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.03 – Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ**

**ХУҶАНД - 2024**

Диссертатсия дар кафедраи иқтисодиёт ва соҳибкории МДТ “Донишкадаи иқтисод ва савдои Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон” иҷро карда шудааст.

**Роҳбари илмӣ:** **Газибеков Садриддин Арслонбекович,**
доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи менеҷменти МДТ “Донишкадаи иқтисод ва савдои Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон”

**Муқарризони расмӣ:** **Авезов Азизулло Ҳабибович**,
доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи иқтисодӣ, муҳандиси ва менеҷменти Донишкадаи политехникии Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М. Осимӣ дар шаҳри Хуҷанд

**Шамсиев Фурқатҷон Каримович,**
номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи менеҷменти Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ бизнес ва сиёсати Тоҷикистон

**Муассисаи пешбар:** Донишкадаи кӯҳию металлургии Тоҷикистон

Ҳимояи диссертатсия 25 марти соли 2024 соати 9:00 дар ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D.КОА-013 назди Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон баргузор мегардад суроға: (735700, ш. Хуҷанд, мкр-н 17, хонаи 1) e-mail: ds.tsulb@mail.ru телефони котиби илмӣ: (+992)927711342

Бо диссертатсия дар китобхонаи илмӣ ва сомонаи расмии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон (http://www.tsulbp.tj) шинос шудан мумкин аст.

Автореферат санаи « ____ » ___________ соли 2024 тавзеъ шудааст.

**Котиби илмии**
**шурои диссертатсионӣ,**
**номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент** **Самадова З.А.**

## МУҚАДДИМА

**Мубрамии мавзуи таҳқиқот**. Баъди ба даст овардани истиқлолият ва ҷорӣ гардидану рушд ёфтани муносибатҳои бозорӣ, дар хоҷагидории миллӣ дигаргуниҳои низоманд ба миён омаданд. Ғайр аз ин зери таъсири равандҳои ҷаҳонишавӣ вобастагии тамоюли фаъолият ва рушди корхонаҳои саноатӣ аз омилҳои беруна афзоиш ёфта истодааст. Дар чунин шароит ташаккулёбии механизми рушди устувори соҳаи саноати минтақаҳо бояд ба тағйироти ба миён омада истода, мутобиқ гардад. Зеро стратегияи рушди устувори соҳаи саноат, ки ба қонеъ намудани талаботи муосир ваояндаи ҷомеа равона мегардад, бояд дар асоси истифодаи самараноки захираҳои истеҳсолӣ, иқтисодӣ, табиӣ дар минтақаҳо ба амал ҷорӣ шавад. Ба қарорҳои стратегӣ ва сиёсати иқтисодии корхонаҳо ҳаҷм ва гуногуншаклии истеҳсолоти саноатӣ дар минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, алалхусус рушди гуногунсатҳи корхонаҳо, шароити мухталифи мавҷудияти онҳо таъсири ҷиддӣ мерасонанд. Бо вуҷуди ин дар самти иқтисодиёт ба дастовардҳои назаррас ноил гардидани Ҷумҳурии Тоҷикистон дар рушди соҳаи саноат, алалхусус дар вазъи пояи моддӣ, ҳолати сифатии сармояи инсонӣ ва эҳтиёҷи субъектони хоҷагидорӣ ба захираҳои меҳнатӣ, дастрасии захираҳои молиявӣ номутаносибӣ ба назар мерасад, ки ҳамаи ин дар маҷмуъ ҷараёни рушди самаранок ва ташаккулёбии соҳаи саноатро бо назардошти хусусиятҳои минтақавӣ душвор мегардонад. Бинобар ин, аз ҳисоби истифодаи фишангҳои муосири идоракунии ҷараёни тараққиёт фароҳам овардани шароит барои рушди устувор, яке аз масъалаҳои асосии сиёсати иқтисодии соҳаи саноат ба шумор меравад, ки бар таъмини тавозуни байни захираҳо ва иқтидори корхонаҳо мусоидат мекунад. Дар ин ҷода усули ташаккулёбии механизми рушди устувори соҳаи саноати минтақаҳо дар асоси шаклҳои нави дастагирии давлатӣ ва ҳамкории ҳамаҷонибаи давлат ва бахши хусусӣ ба ҳайси яке аз фишангҳои пурқувват баромад мекунад.

Лозим ба зикр аст, ки дар ин самт аз соли 2018 амалигардонии стратегияи чоруми миллии саноатикунонии босуръати кишвар идома дорад.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 21 декабри соли 2021 қайд кардаанд, “Бинобар аҳамияти бузурги соҳаи саноат дар рушди минбаъдаи мамлакат, ҳалли масъалаҳои иҷтимоиву иқтисодӣ ва таъмин намудани иҷрои ҳадафҳои стратегии миллӣ, аз ҷумла раванди саноатикунонии босуръати кишвар пешниҳод менамоям, ки солҳои 2022–2026, яъне то ҷашни 35-солагии истиқлолияти давлатии Тоҷикистон “Солҳои рушди саноат” эълон карда шаванд”[1].

Қайд кардан лозим аст, ки дар айни ҳол арзёбии илмии ташаккули механизми рушди устувори соҳаи саноати минтақаҳо дар асоси дастгирии давлатӣ ва ҳамкории судманди бахши хусусию давлатӣ пурра ба роҳ гузошта нашудааст. Аз ин лиҳоз инкишофи назарияи ташаккули механизми рушди устувори соҳаи

[1] Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 21.12.2021 [манбаи электронӣ] URL: http://www.president.tj (санаи муроҷиат: 26.12.2021).

саноати минтақа, ҳамоҳангсозии ҳадафҳои миллӣ ва минтақавӣ бо мақсади рушди соҳаи саноат масъалаи муҳим ба илми иқтисодӣ ба ҳисоб меравад.

**Дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ.** Масъалаҳои ташаккулёбии механизми рушди устувори соҳаи саноат дар сатҳи иқтисодиёти минтақавӣ дар асарҳои илмии олимони хориҷӣ, И. Ансофф, А. Стрикленд, А.П. Томпсон, Н. Картон, А. Тюрго, Т. Бегун ва дигарон мавриди баррасӣ қарор дода шудаанд.

Масъалаҳои рушди устувори соҳаи саноати минтақаҳо дар корҳои илмии олимони рус, Е.В. Борисов, З.В. Коробкова, Е.В. Катков, Т.В. Колосов, С.А. Кучерявенко, Т.И. Овчинников, Н.Ф. Пермичев, И.И, Потапов, М.В. Радевский, О.Б. Улянова, В.П. Аникин, В.Г. Варнавский, Р. Каренов, Н.Н. Кунитсин, Ж.К. Леонов, А.В. Наумкин, Ю.Г. Шветсов, Л.Н. Чернишов ва дигарон инъикос ёфтаанд.

Ҷиҳатҳои алоҳидаи ташаккулёбии механизми рушди устувори соҳаи саноат дар сатҳи иқтисодиёти минтақаҳо дар осори олимони иқтисодони Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла А.Х. Авезов-идоракунии стратегии рушди устувори иқтисодии минтақа, И.А. Аминов-дар бораи хусусиятҳо ва саҳми соҳибкории хурд дар таъмини рушд ва рушди иқтисодӣ, Ҷ.А. Алиҷонов-тараққиёти соҳаҳои саноати минтақавиро аз нуқтаи назари амалигардонии стратегияи воридотивазкунӣ, А.А. Бойматов-оид ба роҳҳои баланд бардоштани самаранокии фаъолияти маркетингии корхонаҳои саноатӣ, С.А. Ғозибеков-дар самти таҳлили самараи синергетикаи омилҳои гуногун дар ҷараёни ташкили саноати хӯроквории ва масъалаҳои таъмини рушди устувор дар минтақа, Д.Н. Дадоматов-рушди соҳаи саноатии минтақавӣ дар чорчӯбаи инкишофи соҳибкории саноатӣ, Ҳ.Р. Исайнов, С.Ҷ. Комилов-оид ба самти инноватсионии тараққиёти соҳаҳои саноат, Г.Б. Комарова-ташаккул ва рушди ҳамгироии кластерҳо дар бозори истеъмолӣ, Н.К. Қаюмов, Р.К. Раҳимов оид ба такмили соҳаи саноат дар сатҳи иқтисодиёти миллӣ, Олимов А.Л., И.Р. Пӯлотова, Т.Д. Низомова-оид ба нақши саноат дар рушди иқтисодиёти минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар замони муосир, А.М. Раҳимов-вазъи соҳаи саноат аз нуқтаи назари баланд бардоштани рақобатпазирии иқтисодиёти миллӣ, Т.Р. Ризоқулов-ҳалли муаммоҳои низоми рушди соҳаи саноати минтақа бо воситаи фишангҳои ниҳодӣ, механизмҳои фискалӣ ва мониторӣ, Л.Х.Саидмуродзода-оид ба таъмини рушди саноатии минтақа дар зери таъсири муносибатҳои байналмилалӣ, Х.У. Умаров- рушди минтақа, проблемаҳо ва коҳиши онҳо, Н.Х. Хоналиев-оид ба инкишофи соҳаҳои саноати Тоҷикистон ва минтақаҳои он аз нигоҳи таърих, М.М. Шарифзода-такомули сиёсати саноатӣ дар минтақа аз ҷиҳати рақобатпазирии субъектони хоҷагидорӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд.

**Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо ва ё мавзуъҳои илмӣ.** Мавзуи кори диссертатсионӣ бо санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030: банди 3.2-Рушди минтақаҳо, Стратегияи рушди саноат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, Барномаи саноатикунонии босуръати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020-2025, Барномаи давлатии рушди саноат барои солҳои 2022-2026, Барномаи рушди саноати хӯроквории

Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020-2025, Барномаи амнияти озуқаворechoии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2019-2023 алоқаманд аст. Кори диссертатсионӣ инчунин ба мавзуи корҳои илмӣ-таҳқиқотии нақшавии кафедраи иқтисодиёт ва соҳибкории Донишкадаи иқтисод ва савдои Донишгоҳи давлатии тиҷоратии Тоҷикистон мувофиқат дорад.

## ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

**Мақсади таҳқиқот** инкишофи назарияи рушди устувор дар соҳаи саноати минтақа ва коркарди пешниҳодҳои амалӣ доир ба ташаккули механизми он дар иқтисодиёти вилояти Суғд мебошад.

**Вазифаҳои таҳқиқот.** Мутобиқи мақсади гузошташуда иҷрои чунин вазифаҳо пешбинӣ карда шудаанд:

– таҳқиқи назарияҳои рушди устувори соҳаи саноат дар шароити муосири тараққиёти иқтисодиёти минтақа;

– омӯзиши таҷрибаи ҷаҳонии ташаккули рушди устувори соҳаи саноати минтақа;

– таҳлили вазъи истеҳсолию иқтисодии соҳаи саноати вилояти Суғд дар низоми иқтисодиёти миллӣ;

– омилҳои таъсиррасон ба рушди устувори соҳаи саноати минтақа ва арзёбии иқтидори захиравии тараққиёти корхонаҳои саноатии минтақа;

– муайян намудани сиёсати саноатӣ дар низоми рушди устувори соҳаи саноат ва фаъолияти инноватсионӣ оид ба иқтидори кадрии соҳаи саноати минтақа;

– коркард намудани роҳҳои такмили идоракунӣ баҳри таъмини рушди устувори корхонаҳои саноатӣ.

**Объекти таҳқиқотро** муносибатҳои иқтисодие, ки бо ташаккулёбии механизми рушди устувори соҳаи саноати минтақаи вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон алоқамананд, ташкил мекунанд.

**Предмети таҳқиқот** рушди устувори соҳаи саноати иқтисодиёти минтақаи вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон ташкил мекунад.

**Фарзияи таҳқиқот** дар мавҷудияти имкониятҳои рушди устувори соҳаи саноат дар иқтисодиёти минтақавии вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон зоҳир мегардад, ки амалигардонии онҳо ба даст овардани натиҷаҳои матлубро дар соҳаи саноати минтақаҳо имконпазир мегардад.

**Асосҳои назариявии таҳқиқотро** дар асарҳои бунёди олимони хориҷӣ ва ватанӣ оид ба асосҳои назариявии рушди иқтисодии соҳаи саноат, асарҳои илмии классикони илми иқтисодӣ, дастовардҳои илми иқтисодиёти ҷаҳонӣ, консепсияҳои олимони хориҷӣ ва ватанӣ дар соҳаи иқтисодиёти минтақа ва рушди устувори соҳаи саноатро ташкил кардаанд.

**Асосҳои методологии таҳқиқот.** Вобаста ба вазифаҳои гузошташуда, дар таҳқиқоти диссертатсионӣ таҳлили иқтидори иқтисодии соҳаи саноат бо назардошти хусусиятҳои иқтисодиёти минтақаи вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин усулҳои иқтисодии таҳлил, усулҳои сабабӣю оқибатӣ ва таҳлили функсионалӣ, муқоисакунӣ, хулосабарорӣ, оморӣ, фишангҳои

абстраксияи илмӣ, таҳлил ва омӯзиш, усулҳои математикӣ – иқтисодӣ васеъ истифода шудаанд.

**Сарчашмаи маълумот:** санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, қарорҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, маълумоти Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, нашрияҳои даврии иқтисодӣ ва ВАО, маводҳои конференсияҳои илмӣ, маводҳои таҳлилӣ ва тадқиқотӣ, захираҳои иттилоотии шабакаи «Internet», сарчашмаҳои таҳқиқот ба ҳисоб мераванд.

**Пойгоҳи таҳқиқот.** Диссертатсия дар кафедраи иқтисодиёт ва соҳибкории Донишкадаи иқтисод ва савдои Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон омода гардидааст.

**Навгонии илмии таҳқиқот** дар инкишоф додани назарияи рушди устувори саноат ва коркарди пешниҳодҳои амалӣ оид ба ташаккули механизми он дар асоси такмили танзими давлатии тараққиёти соҳаи саноат дар иқтисодиёти минтақа инъикос меёбад.

Натиҷаҳои асосии таҳқиқот, ки шахсан аз тарафи муаллиф ба даст оварда шудаанд ва унсурҳои навоварии илмии диссертатсия ба ҳисоб мераванд инҳо мебошанд:

– муқаррароти назариявии рушди устувори саноатӣ асоснок карда шуда, дар асоси он ба мафҳуми таҳқиқот тасҳеҳ ворид карда шудааст. Тибқи он “Рушди устувори соҳаи саноат чунин низоми маҷмуии рушд мебошад, ки дар он қобилияти рақобатпазирии соҳаи саноат тамоюли доимии рӯ ба инкишоф дошта, дар асоси истифодаи сарфакоронаи захираҳою сармоягузории саноатӣ, қонеъ гардонидани мутавозуни талаботи ҷорӣ ва ояндаи ҷомеа нигаронида шудааст”;

– мавҷудияти услубҳои гуногуни методӣ оид ба арзёбии рушди устувори соҳаи саноатӣ дар назария ва амалияи илми иқтисодӣ исбот карда шудааст. Мудаллил сохта шудааст, ки дар шароити муосир истифодаи услуби интегралии барои арзёбии сатҳи рушди устувори соҳаи саноат қобилу қабул аст. Асоснок карда шудааст, ки услуби мазкур нишондиҳандаҳои таркибӣ, яъне экологӣ (партовҳои саноатӣ, ҳиссаи безараркардашудаи онҳо, сатҳи энергоғунҷоиш), иҷтимоӣ (иштиғол дар саноати коркард, сатҳи музди меҳнат дар соҳаи саноат, такмили ихтисоси кормандони саноатӣ), иқтисодӣ (ҳосилнокии меҳнат, таҷдиди фондҳои асосӣ, фоиданокӣ, фаъолнокии инвеститсионӣ) – ро ба як асос гирд меорад;

– таҷрибаи хориҷӣ оид ба таъмини рушди устувори соҳаи саноат низомбандӣ карда, дар асоси он ҷанбаҳои эҳтимолии истифодаи таҷрибаи Полша (менеҷменти саноатӣ аз рӯи принсипи “аз поён ба боло”), Хитой (истифодаии модели “ҷамъи рушд”, “самараи локомотив”), Ҷопон (ташкили марказҳои корҳои илмӣ – таҳқиқотӣ ва таҷрибавӣ конструкторӣ дар корхонаҳои саноатӣ), Бразилия (пурзӯр намудани мавқеи ҳокимияти маҳаллӣ дар самти дастгирии соҳаи саноат), Ӯзбекистон (ба рушди саноат маблағгузориҳои калон ҷудо мешавад, давлат ошкоро ба саноат махсусан соҳаҳои бофандагӣ, дӯзандагӣ, нассоҷӣ, мошинсозӣ ва ғайра дастгирӣ мекунад), Русия (кӯшиш мекунад, ки соҳибкории хурду миёнаро дар саноат бо дарназардошти пешниҳоди имтиёзҳои андозию гумрукӣ, қарздиҳии бонкӣ ва ғайра дастгирӣ намояд) пешниҳод карда шуданд;

– нобаробарӣ дар тараққиёти корхонаҳои саноати минтақаҳои ҷумҳурӣ муайян карда шудааст, мудаллал гардидааст, ки аз рӯи истеҳсоли молҳои саноатӣ тибқи нишондиҳандаҳои ҳаҷм, суръати миёнасолонаи рушд, маҳсулоти саноатӣ ба ҳар сари аҳолӣ вилояти Суғд дар байни минтақаҳо мавқеи аввалро ишғол мекунад, дар ҷои дувум саноати НТҶ ва севум ш. Душанбе қарор дорад. Пешсафии вилояти Суғд бо далелҳои зерин собит карда шудааст, соҳаи пуриқтидори саноати коркард (хӯрокворӣ, нассоҷӣ, сабук), ки иқтидорҳои саноатӣ аз давраи қабл аз ислоҳоти бозорӣ боқимонада, ҳиссаи зиёди кормандони соҳаи саноат, дар исбот бо дигар минтақаҳо ҷойгиршавии ҷуғрофӣ, мавҷудияти захираҳо;

– вазъи соҳаи саноат дар шаҳру ноҳияҳои вилояти Суғд тибқи нишондиҳандаҳои рушди устувор арзёбӣ гардида, муайян карда шудааст, ки соҳаи саноат дар ноҳияи Б. Ғафуров, шаҳри Гулистон, шаҳри Панҷакент, ноҳияи Айнӣ дар минтақаҳои пешқадам, шаҳру ноҳияҳои Истиқлол, Шаҳристон, Кӯҳистони Масчоҳ, Деваштич дар минтақаҳои ишғолкунандаи мавқеи оқибмонда, ш. Хуҷанд, ш. Истаравшан ш. Бӯстон, н. Спитамен ва ш. Исфара дар минтақаҳои ишғолкунандаи мавқеи миёна ва боқӣ монда, шаҳру ноҳияҳои дигар бошанд, дар минтақаҳои ишғолкунандаи мавқеи поёнӣ қарор доранд. Аз инкишофи соҳибкорӣ вобаста будани ҳолати мазкур исбот карда шудааст;

– амсилаи математикии иқтисодии коррелятсионӣ оид ба арзёбии алоқамандии рушди соҳаи саноат бо иқтисодиёти минтақа таҳия ва асоснок карда шудааст. Дар асоси ҳисобҳо исбот гардидааст, ки таъмини рушди устувори соҳаи саноат дар умум аз ҳолати иқтисодиёти минтақа пайвастагии зич дорад.

– тавсияҳои илмӣ–амалӣ ҷиҳати баланд бардоштани сатҳи рушди устувори соҳаи саноати минтақа таҳия гардидааст, ки истифодаи оқилонаи сармояи инсонӣ, сифати қувваи корӣ, низоми истеҳолии корхонаи саноатӣ ва омилҳои молиявиро пешбинӣ мекунад.

**Нуқтаҳои илмие, ки ба ҳимоя пешниҳод мешаванд:**

– муқаррароти назариявии рушди устувори саноатӣ мудаллал сохта, ба таърифи мафҳуми мавриди таҳқиқ тасҳеҳ ворид карда шудааст;

– мавҷудияти муносибатҳои гуногуни методии арзёбии рушди устувор исбот карда, мутобиқати ба шароити муосир усули интегралии арзёбӣ исбот гардидааст;

– таҷрибаи хориҷии таъмини рушди устувори саноатӣ таҳқиқ гардида, ҷанбаҳои қобили қабули он асоснок карда шудаанд;

– нобаробарии рушди соҳаи саноат дар минтақаҳои ҷумҳурӣ ва сабабҳои он мудаллал гардидааст;

– сатҳи рушди устувори саноат дар шаҳру ноҳияҳои вилояти Суғд арзёбӣ ва гурӯҳбандӣ карда шудааст;

– амсилаи математикии иқтисодии коррелятсионӣ оид ба таъсири соҳаи саноат ба рушди минтақа коркард гардидааст;

– тавсияҳои илмӣ – амалӣ оид ба таъмини рушди устувори соҳаи саноатӣ таҳия ва пешниҳод гардидаанд.

**Аҳамияти назариявии диссертатсия** дар он зоҳир мегардад, ки натиҷаҳои бадастомадаи тадқиқот ба иқтисодиёти минтақавӣ саҳми арзанда мегузоранд. Муқаррарот ва хулосаҳои ташаккулёбии механизми рушди устувори соҳаи саноати минтақавиро беҳтар гардонида, метавонанд дар такмил додани механизмҳои рушди соҳаи саноати минтақаҳо мавриди истифода қарор гиранд. Натиҷаҳои тадқиқот барои амалӣ намудани ҳадафҳои рушди устувори соҳаи саноат дар минтақа ва баланд бардоштани некуаҳволии аҳолӣ мусоидат менамояд. Як қатор хулосаҳои тадқиқотро дар ҷараёни таълими фанҳои иқтисодиёти минтақа, идоракунии корхонаҳои саноатӣ истифода бурдан мумкин аст.

**Аҳамияти амалии натиҷаҳои таҳқиқот** дар он зоҳир мегардад, ки натиҷаҳои бадастомадаро дар ҷараёни банақшагирии рушди дурнамои иқтисодиёти минтақавӣ, соҳаи саноат, ҳалли мушкилоти таъминот ва ташаккули механизми рушди устувори соҳаи саноат ва ғайра истифода бурдан мумкин аст. Тавсияҳои илмӣ –амалии пешниҳод гардида, дар такя ва амалии лоиҳаҳои рушди дурнамои соҳаи саноат дар минтақаҳо мусоидат менамояд.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот** бо дурустии маълумот, ҳаҷми кофии маводи таҳқиқот, ҷамъоварӣ, тасниф, коркард ва таҳлили сарчашмаҳои иттилоотӣ дар соҳаи ташаккули механизми рушди устувори соҳаи саноати минтақа, истифодаи воситаҳои муосири технологияҳои иттилоотӣ, нашри натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ дар маҷаллаҳои бонуфузи байналмилалӣ ва ватанӣ тасдиқ мешавад. Хулоса ва тавсияҳои диссертатсия дар заминаи таҳлили илмии тадқиқоти назариявӣ ва озмоишӣ ифода гардидаанд.

**Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Доираи таҳқиқот ба Шиносномаи номгӯи ихтисосҳои Комиссияи олии атестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 08.00.03. – Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ мутобиқат мекунад: Банди 3.1. Инкишофи назарияҳои иқтисодиёти ҳудудӣ ва минтақавӣ; методҳо ва фишангҳои таҳқиқотҳои иқтисодии ҳудудӣ; проблемаҳои андозагирии иқтисодии минтақавӣ; эконометрикаи ҳудудӣ; ташхиси системавии муаммоҳо ва ҳолатҳои минтақавӣ; Банди 3.2. Тақсимоти ҳудудии захираҳои иқтисодӣ; ҷанбаҳои назариявӣ, методӣ ва амалии ҷойгиркунии корхонаҳо, фирмаҳои тиҷорати хурд ва миёна, кластерҳои иқтисодӣ, корхонаҳои бахши ҷамъиятӣ, хоҷагиҳои хонаводагӣ; Банди 3.17. Муҳити махсуси иқтисодию ҳуқуқии рушди маҳаллӣ ва минтақавӣ. Минтақаҳои иқтисодӣ, марказҳои саноатӣ ва дигар “нуқтаҳои” ҳудудии рушди саноатӣ ва инноватсионӣ; Банди 3.19. Самаранокии истифодаи омилҳои истеҳсолот дар рушди иқтисодиёти минтақавӣ. Қонуниятҳо ва хусусиятҳои ташкил ва идоракунии сохторҳои иқтисодӣ дар минтақаҳо. Бартариҳои мутлақ ва нисбии кластерҳои иқтисодии минтақавӣ.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот**. Таҳқиқоти илмӣ натиҷаи кори мустақилонаи унвонҷӯ бо назардошти комёбиҳои илми иқтисоди ватанӣ ва хориҷӣ оид ба масъалаи мавриди баррасӣ мебошад .Дар он ҳадаф, предмет ва объекти таҳқиқот, заминаҳои назариявӣ ва методии

таҳқиқот асоснок карда шудаанд. Иштироки бевоситаи унвончӯ дар таҳқиқот тавассути нашри мақолаҳои илмӣ оид ба мавзуи диссертатсия, маърузаҳо дар конференсияҳои илмию амалӣ ва илмию назариявии сатҳи байналмилалӣ, ҷумҳуриявӣ ва минтақавӣ, инчунин дар санҷиши амалии натиҷаҳои диссертатсия собит мешавад.

**Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия.** Натиҷаҳои диссертатсия дар конференсияҳои илмӣ-назариявӣ ва илмӣ-амалӣ, аз ҷумла конференсияи байналхалқии илмӣ - амалии МДТ "Донишкадаи иқтисод ва савдои Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон" дар мавзуи "Баланд намудани рақобатпазирии иқтисодиёти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон" (Хуҷанд, 2019); конференсияи илмӣ – амалии МДТ "Донишкадаи иқтисод ва савдои Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон", дар мавзуи "Рушди иқтисодиёти инноватсионию индустриалӣ: назария, усулҳо, таҷриба" (Хуҷанд, 2019); Интернет – конференсияи байналхалқии илмӣ-амалӣ дар мавзуи «Бизнеси шабакавӣ: ташаккул, муаммоҳо, инноватсияҳо (Полтава, 2021); Анҷумани байналмилалии илмӣ-амалӣ дар мавзуи "Масоили мубрами улуми иҷтимоии гуманитарӣ, риёзӣ ва дақиқ дар замони муосир" (Панҷакент, 2021); конференсияи вилоятии илмӣ – амалии магистрантон, унвонҷӯён ва олимони ҷавон дар мавзуи "Рушди саноатӣ – инноватсионии иқтисодиёти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон: муаммоҳо, омилҳо ва таҷрибаи ҷаҳонӣ" (Хуҷанд, 2022); конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалии дар мавзуи "Омода намудани мутахассисони касбӣ ва рақобатпазирии бозори меҳнат дар доираи ҳамкорӣ бо корхонаҳои саноатӣ" (Исфара, 2022); конференсияи илмӣ – амалии МДТ "Донишкадаи иқтисод ва савдои Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон" МДТ "Донишкадаи иқтисод ва савдои Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон" дар мавзуи "Саноатикунонии босуръати иқтисодиёти Тоҷикистон: муаммоҳо, таҷриба ва дурнамо" Хуҷанд, 2022); конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ – амалии тахти унвони "Эмомалӣ Раҳмон эҳёи худшиносӣ ва эъмори давлатдорӣ", бахшида ба Рӯзи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 30-солагии XVI Иҷлосияи тақдирсози Ҷумҳурии Тоҷикистон (Хуҷанд, 2022) ифода гардидаанд.

**Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия.** Муқаррарот ва натиҷаҳои асосии кори диссертатсионӣ дар 12 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 4 мақола дар нашрияҳои тақризшавандаи Комиссияи олии атестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп шудаанд.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия**. Таҳқиқоти диссертатсионӣ аз муқаддима, се боб, хулосаю пешниҳодҳо, рӯйхати адабиёти истифодашуда иборат аст. Диссертатсия аз 174 саҳифаи матни компутерӣ 24 ҷадвал ва 10 расмро дар бар мегирад.

## ҚИСМИ АСОСИИ ДИССЕРТАТСИЯ

**Дар муқаддима** мубрамияти мавзуи диссертатсия, дараҷаи таҳқиқи илмӣ, объекту предмет мақсаду вазифаҳои таҳқиқот матраҳ гардидаанд, муносибатҳои назариявию амалии тараққиёти корхонаҳои саноатӣ, коркарди

чорабиниҳо оиди ташаккули фаъолияти онҳо дар самти идоракунии рушди иқтисодию иҷтимоии минтақа асоснок карда шудаанд.

**Дар боби аввали диссертатсия – “Асосҳои назариявии методӣ ва зарурати тамоюли рушди устувор”**- муқаррароти илмӣ ва моҳияти рушди устувори минтақавӣ дар соҳаи саноат, муносибатҳои методӣ оид ба арзёбии он дар иқтисодиёти минтақа; таҷрибаи хориҷӣ мавриди таҳлил қарор гирифтаанд.

Таҷрибаи хоҷагидории ҷаҳонӣ дар садсолаҳои охир ба сабаби истифодаи экстенсивии захираҳои табиӣ ва афзоиши бемаҳдуди иқтисодӣ ва демографӣ инсониятро ба бӯҳрони умумиҷаҳонии иқтисодӣ ва экологӣ оварда расонид. Аз рӯи Маълумоти маркази таҳлилии Global Footprint Network дар нимсолаи аввали соли 2019 дар ҷаҳон ҳаҷми яксолаи захираҳои барқароршаванда ва барқарорнашаванда истифода бурда шудааст[2]. Дар маърӯзаи “Ояндаи умумии мо”, ки соли 1987 бо ташаббуси комиссияи СММ оид ба тараққиёт ва муҳити зист чоп карда шудааст, шарҳи маъмули “рушди устувор” оварда шудааст, ки мувофиқи он “Рушди устувор - ин тараққиётест, ки ба туфайли он имконияти қонеъ гардонии эҳтиёҷоти муосир ба миён омада, ҳамзамон барои қонеъ гардонидани эҳтиёҷоти наслҳои оянда осеб нарасонад”[3]. Асоси рушди устуворро ду унсур ташкил менамоянд: якум консепсияи самаранок истифодабарии захираҳои маҳдуд; дуввум нигоҳ доштан, беҳтар намудани омили экологӣ барои қонеъгардонии эҳтиёҷоти оянда ва муосири ҷомеа ба ҳисоб мераванд.

Консепсияи рушди устувор дар солҳои 90-уми асри XX бар ивази консепсияи анъанавии рушди иқтисодӣ ворид гардид, ки дар он на танҳо ба ҷиҳатҳои иқтисодии тараққиёти иқтисодӣ, балки ба ҷанбаҳои иҷтимоӣ ва экологӣ низ диққати махсус дода мешавад. Рушди устувори минтақа дар навбати аввал нигоҳдорӣ ва инкишофи захираҳои табиӣ, экологӣ (ҳифзи муҳити зист) бо назардошти пешрафти истеҳсолот равона карда мешавад.

Мақсади асосии идоракунии давлатӣ дар шароити муосир ҳалли нобаробарии тараққиёти минтақавӣ ба ҳисоб меравад. Бо дарназардошти гуногунҷабҳагии вазъи минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯи суръати инкишофи илмӣ-техникӣ, фаъолияти хоҷагидорӣ, сатҳи иқтидори иқтисодӣ, хусусиятҳои амалишавии ҳадафҳои стратегӣ, мавҷудияти заминаҳои мусоид, гузариш ба шакли рушди устувор дар соҳаи саноат вижагиҳои хоси худро дорад. Дар асоси омӯзиши рушди устувори корхонаҳои саноатӣ метавон гуфт, ки аксарияти таърифҳои он аҳамияти амалӣ доранд. Дар таърифҳои мазкур рушди устувори корхонаҳои саноатӣ чун низоми институтҳо шарҳ дода мешавад ва зарурати бунёди онҳо дар мамлакатҳои тараққикунанда ба ҳайси институтҳое, ки бо суръатафзоии иқтисодиёти минтақа мусоидат менамоянд, мавриди тавзеҳ қарор мегирад (ҷадвали 1).

---

[2] Global Footprint Network. : https://www.footprintnetwork.org (санаи муроҷиат 29.10.2021).

[3]Доклад Брундтланд. https://ozlib.com/866821/ekonomika/doklad_brundtland (сана муроҷиат 30.10.2021).

### Ҷадвали 1. - Андешаҳои гуногун доир ба моҳияти рушди устувори корхонаҳои саноатӣ

| | |
|---|---|
| 1. | **Зеткина О. В.** Рушди устувори иқтисодии корхонаҳои саноатӣ таъмини фаъолияти фоиданоки истеҳсолию тиҷоратӣ аз ҳисоби баланд бардоштани самаранокии истифодаи захираҳои истеҳсолӣ ва идоракунии корхона, вазъи устувори молиявӣ аз ҳисоби такмили сохтори дороиҳо, ҳамчунин рушди босуботи иқтидори корхона инкишофи иҷтимоии ҷомеаи меҳнатӣ ҳангоми худмаблаггузорӣ дар шароити тараққии динамикии муҳити берунӣ мебошад. |
| 2. | **Carton I.F.S., Schindler A., Yates F., Marsh D.** Устуворие иқтисодии корхонаҳои саноатӣ қобилияти доимо дар сатҳи фаъоли иқтисодӣ нигоҳ доштани низом мебошад. Инҳо низомҳое мебошанд, ки рафтори худро бо тавре тағйир диҳанд, ки ҳатто дар зери таъсири омилҳои манфии берунӣ мавқеи худро дар сатҳи муътадил қарор диҳад. |
| 3. | **Медведев В.А.** Қобилияти ҳини тағйироти мухталифи талаботи истеъмолӣ дар бозори истеҳсолкунандагон дар муддати тӯлонӣ нигоҳ доштани ҳаҷми фурӯши маҳсулот, кор, хизматрасонӣ рушди устувори корхона мебошад. |
| 4. | **Коробкова З.В.** Рушди устувори иқтисодии корхонаҳои саноатӣ – ин як навъи рушди иҷтимоӣ-иқтисодӣ мебошад, ки ҳангоми он имкони ноил шудан ба вазъи муътадили иҷтимоию иқтисодӣ мавҷуд буда, барои расидани ба ҳадафҳои рушди минбаъда дар давраи дарозмуддат заминаҳои устувор гузошта мешавад. |
| 5. | **Блохин В. Н., Вишнякова А.Б.** Рушди устувори иқтисодии корхонаҳои саноатӣ як раванди мутавозини дигаргунсозист, ки дар он истифодаи захираҳо, сармоягузорӣ, рушди иҷтимоӣ ва табдили ниҳодҳои давлатӣ ба қонеъ кардани оқилонаи ниёзҳо ва ҳадафҳои инсон нигаронида шудааст. |
| 6. | **Колосова Т. В.** Ҷараёни доимии мутобиқсозии низоми иқтисодии корхона ба талаботи бозор мебошад, ки дар таъмини рақобатпазирӣ дар заминаи баланд бардоштани иқтидори инноватсионӣ ифода меёбад. Аломатҳои асосии рушди устувор мутобиқшавӣ, идомати бартариҳои рақобатӣ, мавҷуд набудани зиддият байни ҳадафҳои ҷорӣ ва ояндаи фаъолият, ба ҳисобгирии манфиатҳои тамоми агентҳо ва умуман ҷомеа ба ҳисоб меравaнд. |
| 7. | **Рябов В. М.** Консепсияи тараққиёти устувори корхонаҳои саноатӣ – Ин рушди устувор тағйироти дохилиро ҳамчун такмили мутобиқшавии корхона ба тағйироти шароиту омилҳои беруна, афзоиши нишондиҳандаҳои миқдории фаъолияти корхонаи саноатӣ ва тағйироти сифатии сохтор (ташкилӣ, техникӣ ва технологӣ ва ғ.), пай дар пай афзудани мураккабии техника ва технология мефаҳманд. |
| 8. | **Ғозибеков С.А.** Мафҳуми «рушди устувор»-ро чун рушди босуботи мутавозини иҷтимоӣ – иқтисодии ҷомеаи инсонӣ тавсиф кардан мумкин аст, ки муҳити зисти табииро хароб намекунад ва пешрафти бефосилаи ҷамъиятро таъмин менамояд. |
| 9. | **Авезов А.Х.** Устуворӣ - қобиляти тавозуни динамикиро нигоҳ дошта функсияҳоро иҷро кардани низом устуворӣ ба ҳисоб меравад. Зимнан низом имкониятҳои мутобиқшавии худро истифода бурда, гузаришро аз як ҳолати устувор ба дигараш таъмин мекунад, ки он рушди менамояд, яъне таҳти мафҳуми устувории низоми иҷтимоию иқтисодии минтақавӣ қобиляти дар шароити тағйирёбии муҳити дохилӣ ва беруна амал кардану инкишоф ёфтани онро фаҳмидан лозим аст. |
| 10. | **Ризоқулов Т.Р.** Рушди устувори корхона чунин намуди рушд мебошад, ки афзоиши иқтидори истеҳсолӣ, таҳкими сатҳи рақобатпазирӣ, васеъ паҳншавии захираҳои молиявиро бо ҳифзи ҷанбаҳои экологӣ таъмин мекунад. |

| | |
|---|---|
| 11. | **Бойматов А.А.** Устувори мафҳуми нисбӣ аст, онро танҳо бо роҳи муқоиса арзёбӣ кардан мумкин аст. Як минтақа ё ҳудуд метавонад дар муқоиса бо дигар минтақа устувортар бошад ва устувориаш нисбат ба минтақаи сеюм камтар бошад. Рушди устувор – истифодаи оқилонаи сармоя ва комёбиҳои пешрафти илму техника, захираҳои мехнатӣ ва, дар ниҳояти кор, ба сафи пеши иқтисоди ҷаҳонӣ баровардани корхонаҳо ва минтақаҳо мебошад. |
| 12. | **Мафҳуми муаллиф.** Рушди устувори соҳаи саноат чунин низоми маҷмуии рушд мебошад, ки дар он қобилияти рақобатпазирии соҳаи саноат тамоюли доимии рӯ ба инкишоф дорад, ки ба истифодаи сарфакоронаи захираю сармоягузорӣ асос ёфта, ба қонеъ гардонидани талаботи ҷорӣ ва ояндаи ҷомеа нигаронида шудааст. |

***Манбаъ:** Аз тарафи муаллиф тартиб дода шудааст.*

Мақсади сиёсати саноатии муосир коҳиш додани фарқият ва ё баробаркунии сатҳи тараққиёти иқтисодии корхонаҳо мебошад. Вобаста ба ин зарур аст, ки дар барномаи рушди иқтисодӣ кӯмак ва дастгирии корхонаҳои саноатии қафомонда ба назар гирифта шаванд.

Устуворӣ шарти ҳатмии низоми дар ҳоли тараққӣ ба ҳисоб меравад. Бо вуҷуди имкониятҳои ҷиддии дигаргуниҳои дохилӣ низом ба туфайли устувории худ аз чорчӯбаи муайянкарда берун намебарояд. Бо назардошти пешравӣ аз рӯи самти тараққиёти низом ҳудудҳои мазкур доимо васеъ мешаванд, ки ба баландшавии чандирнокии тағйирпазирии низом мусоидат менамояд[4]. Оид ба низомҳои иқтисодӣ сухан ронда, мумкин аст, ки тавсири устувориро ҳамчун ҳолати мувозинатӣ ва ё ҷойгир шудан дар нуқтаи болотар дар самти тараққиёт бо назардошти омили экологӣ маънидод намуд.

Таҷдиди иқтисодиёти минтақаҳо бо назардошти шиддатёбии махсусгардонии ашёвӣ ва молии онҳо тағйирдиҳии стратегияи тараққиёти иҷтимоӣ-иқтисодиро талаб менамояд. Дар Стратегияи рушди устувори минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон афзалият бояд ба тараққиёти инноватсионӣ ва саноатикунонии иқтисодиёт дода шавад. Дар ин росто таъсис ва такмили кластерҳои саноатӣ дар минтақаҳо метавонад б арои расидан ба ҳадафҳои гузошташуда мусоидат намояд. Бешубҳа махсусгардонии минтақаҳо ва ҷойгиршавии ҷуғрофии онҳо ба майли ҳадафҳои муайяншуда таъсир мерасонад.

Барои арзёбии рушди устувори корхонаҳои саноатӣ дар иқтисодиёти минтақа низоми нишондиҳандаҳо истифода мешавад, ки ин ба мо имконият медиҳад, ки тамоюли афзоиширо муайян кунем.

Ҳиссаи партови моддаҳои зарарнок ба атмосфера (моддаи сахти маишӣ), ки безарар карда шудааст ($К_{4экол}$) ҳисоб карда мешавад. Таносуби ҳаҷми партови моддаҳои сахти маишӣ, ки безарар карда шуданд ба ҳаҷми умумии партови моддаҳои зарарнок ба атмосфера:

$$К_{4экол} = (\text{ҳаҷми партови моддаҳои сахти маишӣ} / \text{ҳаҷми умумии партови моддаҳои зарарнок}) \times 100 \quad (1.1)$$

[4] Никонова Я.И. Теоретико-методологические основы устойчивого инновационного развития малых городов. // Информационно-аналитический портал клуба субъектов инновационного и технологического развития России.

Энергоғунҷоиш, ки дар арзиши аслии маҳсулоти истеҳсолшуда инъикос мегардад. Таносуби ҳаҷми энергияи истифодашуда ба даромади умумии корхона (муқоиса бо таҷрибаи пешқадами ҷаҳонӣ):

$$I_{экол} = \text{энергияи истифодашуда/ даромади умумии корхона (шохиси Iэкол)} \quad (1.2)$$

Ҳиссаи иштиғоли аҳолӣ дар саноати коркард ба иштиғоли умумӣ, бо ҳисоби фоиз (шохиси муътадилии кадрҳо Киқт) бо чунин формула ҳисоб карда мешавад:

$$К_{иқт} = 1 - Ш\,к.х. / (Ш.м.к. + Ш.к.қ.) \quad (1.3)$$

дар ин ҷо: Ш.к.х. - шумораи коргароне, ки бо хоҳиши худ ва бо сабаби вайрон кардани интизоми меҳнат дар давраи ҳисоботӣ аз кор рафтаанд (нафар); Ш.м.х. - шумораи миёнасолонаи коргарони корхона дар давраи ҳисоботи (нафар); Ш.к.қ.-шумораи кормандони нав ба кор қабулшуда дар давраи ҳисоботӣ (нафар).

Сатҳи музди меҳнат (Кичт). Таносуби музди миёнаи меҳнати ҳармоҳаи номиналии пардохтшудаи кормандони корхона ($Мм_{корх}$) ба музди миёнаи меҳнати ҳармоҳа дар соҳаи саноат ($Мм_{саноат}$) муайян карда мешавад:

$$К_{ичт} = Мм_{корх} / Мм_{саноат} \quad (1.4)$$

ва ҳамчунин аз рӯи як чанд нишондиҳандаҳо ҳисоб карда мешаванд, ба монанди таносуби ҳароҷоти умумӣ барои бозомӯзӣ ва такмили ихтисоси кадрҳо ба даромади умумии корхона; таносуби ҳосилнокии меҳнат дар корхона ба қимати миёнаи ҳосилнокии меҳнат дар соҳаи саноат; таносуби арзиши умумии воситаҳои асосии нави воридгашта ба арзиши умумии воситаҳои асосӣ дар охири давраи ҳисоботӣ; таносуби фоидаи соф ба ҳаҷми умумии фурӯш; таносуби маҷмуии музди меҳнат ва хароҷоти иҷтимоӣ ба даромади умумӣ; таносуби хароҷоти сармоягузорӣ ба даромади умумӣ; маҷмуаи хароҷотҳои таҳқиқоти инноватсионӣ нисбат ба даромади умумӣ; маҷмуи даромади умумӣ аз рӯи фурӯши махсулот ва хизматрасониҳои инноватсионӣ нисбат ба даромади умумии маҷмӯии корхон; таносуби ухдадориҳои кӯтоҳмуддат ба бузургии дороиҳои гардон; таносуби сармояи худӣ ба дороиҳо.

Ҳисобкунии нишондиҳандаҳои арзёбии рушди устувори корхонаи саноати ҳамчун ҳисобкунии миёнаи геометрии ҷузъии он аз рӯи формулаи зерин иҷро карда мешавад:

$$D = \sqrt[3]{Кикт \cdot Кэкол \cdot \ Кичтим} \quad (1.5)$$

Дар ин ҷо: $К_{иқт}$, $К_{экол}$, $К_{иҷтим}$ - мутаносибан арзёбии интегралии омилҳои иқтисодӣ, экологӣ ва иҷтимоии рушди устувори корхонаҳои саноатӣ.

Бо воситаи фишангҳои гуногуни идоракунӣ, яънемаъмурӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоӣ устувори бахри таъмин намудани рушди корхонаҳои саноатӣ, баланд бардоштани қобилияти онҳо ба зарбаҳои гуногуни берунӣ таъмин хоҳад гардид.

Омӯзиши таҷрибаи хориҷии истифодаи ташаккулёбии рушди устувор дар сатҳи корхонаҳои саноатӣ зарурати хос дорад, зеро Тоҷикистон марҳилаи аввали ҳалли ин масъаларо аз сар мегузаронад.

Дар Полша менеҷменти саноатӣ аз рӯи принсипи "аз поён ба боло", такя ба шароитҳо фароҳам оварда, барои тараққиёти корхонаҳои саноатӣ дар сатҳи

микроиқтисодиёт ба инобат гирифта шудааст. Хислати хоси менеҷменти саноатӣ дар Хитой: такя ба мустақилияти корхонаҳои саноатӣ, истифодабарии модели рушди "ҷамъи рушд", таъинот ба ҷалби сармоягузории хориҷӣ мебошад. Дар кишвари Ҷопон мувофиқи барномаи инкишофи низоми корҳои илмӣ-тадқиқотӣ ва таҷрибавӣ-конструкторӣ гузариш аз воридоти дастовардҳои техникӣ ба коркарди низоми худии корҳои илмӣ-тадқиқотӣ ва таҷрибавӣ-конструкторӣ амалӣ карда мешавад. Дар Ҷопон дар ҳамаи соҳаҳои алоҳидаи саноат марказҳои илмии калон таъсис дода мешаванд, ки бо коркарди ғояҳои нав ва амалӣ намудани он кӯшиш ба харҷ медиҳад. Дар Бразилия тараққиёти корхонаҳои саноатӣ дар минтақаҳо хеле нобаробар ҷойгир ва рушд дода шудааст, вале ба ин нигоҳ накарда дар Бразилия мавқеи ҳокимияти маҳаллиро дар дастгирии соҳаи саноат) мебинад, хислати доминантӣ, ҳалкунанда доро мебошад. Таҷрибаи Ҷумҳурии Ӯзбекистон, ки барои рушд додани саноат ҳукумати марказӣ (ҷумҳуриявӣ) аҳамияти хеле бузург медиҳад. Ин дар ҷудо намудани маблағгузориҳои калони давлатӣ ба саноат махсусан бофандагӣ, дузандагӣ, нассоҷӣ ва мошинсозӣ мебошад, ки дар ин ҷо онҳо иқтидори калони ашёи хом дорад. Русия аз иқтидори институтсионалии рушди саноат самаранок истифода мебарад. Ҳукумат кӯшиш мекунад, ки соҳибкории хурду миёнаро дар саноат тавассути пешниҳоди имтиёзҳои андозу гумрук, қарздиҳии бонкӣ, дастгирии инфрасохтор ва ғайра дастгирӣ намояд.

**Дар боби дувум – "Ҳолат ва идоракунии корхонаҳои саноати минтақа дар самти таъмини рушди устувор"** – тамоюли рушди устувор, омилҳои он дар соҳаи саноати вилояти Суғд, арзёбии иқтидори захиравӣ мавриди таҳлил қарор гирифта аст.

Тараққиёти иҷтимоӣ-иқтисодии мамлакат ва минтақаҳои он бевосита аз сатҳи мустаҳкамии корхонаҳои саноати он вобастагӣ дорад. Дар замони муосир корхонаи саноатӣ ҳамчун объекти асосии муносибатҳои иқтисодӣ, сиёсӣ ва иҷтимоӣ баромад мекунад.

Дар ҷодаи коркарди муносибатҳои самаранок доир ба рушди устувори саноат диққати махсус ба ҷустуҷӯи нишондиҳандаҳои устуворӣ, баланд намудани фаъолнокии инвеститсионӣ, ҳамгироии саноат дар сатҳи минтақавӣ, миллӣ ва ҷаҳонӣ, дастгирии муътадилии тараққиёти унсурҳои зарурии ташаккули низомҳои саноат зоҳир карда мешавад.

Нишондоди тараққиёти саноат дар иқтисодиёти минтақа, бевосита аз ҳиссаи он дар маҷмуи маҳсулоти минтақа тамоюли тағйирёбии ҳиссаи минтақа дар ҳаҷми умум маҳсулоти саноатии ҷумҳурӣ иниъкос меёбад. Дар ҷадвали 2 маълумот оид ба тағйирёбии ҳиссаи минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар маҷмуи маҳсулоти саноатии кишвар оварда шудаанд.

Аз рӯи маълумоти ҷадвали 2 аён мегардад, ки вазни қиёсии минтақаҳои мамлакат дар истеҳсоли ҳаҷми умумии маҳсулоти саноатии кишвар дар тӯли солҳои 2016-2022 дар умум тағйироти назаррасро аз сар гузаронидааст. Мисол, агар дар соли 2016 саҳми ВМКБ дар ҳачми маҳсулоти саноатии кишвар 0,9% ташкил карда бошад, соли 2022 ин нишондиҳанда кам шудааст. Агар ҳиссаи саноати минтақаи вилояти Суғд соли 2016 46,9%, бошад, он соли 2022 56,5%

расидааст, яъне дар ин давра қариб 10%  баланд шудааст. Дар саноати минтақаи вилояти Хатлон ҳолати баръакс ба назар мерсад: ҳиссаи истеҳсоли он аз 33,5%-и соли 2016 то 25,2% дар соли 2022 коҳиш ёфтааст. Ҳиссаи истеҳсоли шаҳри Душанбе дар ҳаҷми маҳсулоти саноатии кишвар дар ин марҳила тағйироти ночизро нишон медиҳад. Агар дар соли 2016 ҳиссаи ш. Душанбе дар ҳаҷми маҳсулоти саноатии кишвар ба 9,6% баробар бошад, ин нишондиҳанда соли 2022 ба 8,2%-ро ташкил кардааст. Афзоиши ҳиссаи НТҶ дар ҳаҷми маҳсулоти саноатии кишвар дар давраи мавриди таҳлил аз 9,1% то ба 9,7% ташкил мекунад. Соли 2022 нисбат ба соли 2016 ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноати дар минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон афзоиш ёфта, лекин дар ВМКБ дар ин давра 88,4%-ро ташкил кардааст.

**Ҷадвали 2. - Ҳаҷми маҳсулоти саноатии минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбат ба маҳсулоти саноати мамлакат (бо ифодаи фоиз)**

| Минтақаҳо | 2017 | | 2018 | | 2019 | | 2020 | | 2021 | | 2022 | | 2022 бо % 2016 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | воҳид | бо % | воҳид | бо % | воҳид | бо % | воҳид | бо % | воҳид | бо % | воҳид | бо % | |
| Ҷумҳурии Тоҷикистон | 23553 | 100 | 26362 | 100 | 29841 | 100 | 32476 | 100 | 39221 | 100 | 43025 | 100 | 190,1 |
| ВМКБ | 217 | 0,9 | 263 | 1 | 269 | 0,9 | 241 | 0,7 | 319 | 0,8 | 184 | 0,4 | 88,4 |
| Вилояти Суғд | 11861 | 50,4 | 12691 | 48,2 | 14112 | 47,3 | 16384 | 50,4 | 21283 | 54,3 | 24326 | 56,5 | 213,5 |
| Вилояти Хатлон | 7045 | 30 | 8048 | 30,6 | 9360 | 31,4 | 9463 | 29,1 | 10438 | 26,6 | 10793 | 25,2 | 159,4 |
| ш. Душанбе | 2584 | 10,9 | 2882 | 11,0 | 2977 | 9,9 | 2944 | 9,1 | 3374 | 8,6 | 3536 | 8,2 | 142,4 |
| НТҶ | 1846 | 7,8 | 2425 | 9,2 | 3128 | 10,5 | 3457 | 10,7 | 3813 | 9,7 | 4186 | 9,7 | 235,9 |

***Муаллиф аз рӯи сарчашмаҳои зерин ҳисоб намудааст:*** *Минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, 2023,- С.122-124.*

Дар ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатии кишвар ба вилояти Суғд зиёда аз 50% рост меояд. Ин нишондиҳанда аз он гувоҳӣ медиҳад, ки дар ин минтақаи кишвар барои дар амал татбиқ намудани Ҳадафи чоруми миллӣ-саноатикунонии босуръати кишвар шароит мавҷуд аст.

Саҳми назарраси вилояти Суғд дар пешрафти иқтисодиёти миллӣ дар нишондиҳандаҳои зерин зоҳир мегардад: ин минтақа зиёда аз 45% маъдани оҳан, 69% маҳсулоти шоҳибофӣ, 82% маҳсулоти консер, 42% маҳсулоти машруботӣ, 52% маҳсулоти тайёри гуногуни ҷумҳуриро таъмин менамояд.[5] Дар вилояти Суғд нисбат ба дигар минтақаҳои кишвар қисмати кӯҳистон камтар буда, ҳудуди зиёди онро ҳамвориҳо ташкил медиҳанд. Мисли дигар минтақаҳои мамлакат дар вилояти Суғд қисми зиёди аҳолӣ дар кишоварзӣ машғули меҳнатанд.

Ҳаҷми маҳсулоти саноатиро ба ҳар сари аҳолӣ дар минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистонро мавриди таҳқиқ қарор медиҳем (ҷадвали 3).

Аз маълумоти ҷадвали 3 муайян мегардад, ки ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ дар вилоти Суғд ба ҳар сари аҳолӣ нисбат ба нишондиҳандаи

[5] Минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, 2022,- С. 126; Омори солонаи вилояти Суғд Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, - Хуҷанд, 2022.- С. 257.

умумии мамлакат дар соли 2016, 2 маротиба буд. Соли 2022 бошад ин нишондиҳанда 198,5%-ро ташкил кардааст. Ба ибораи дигар аз рӯи ин нишондиҳанда нисбат ба дигар минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон пешсаф аст.

**Ҷадвали 3. - Ҳаҷми маҳсулоти саноатӣ ба ҳар сари аҳолӣ дар минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон**

| Минтақаҳо | | Солҳо | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 | 2022 |
| **Ҷумҳурии Тоҷикистон** | I | 22623 | 23553 | 26043 | 29544 | 32160 | 38829 | 43025 |
| | II | 8742,8 | 8931,2 | 9126,6 | 9313,8 | 9716,9 | 9886,8 | 10078,4 |
| | III | 2587,6 | 2637,1 | 2853,5 | 3172,0 | 3309,6 | 3927,3 | 4269,0 |
| **ВМКБ** | I | 208 | 217 | 260 | 267 | 238 | 316 | 184 |
| | II | 220,2 | 223,6 | 226,9 | 228,9 | 228,4 | 230,1 | 232,0 |
| | III | 944,5 | 970,5 | 1145,8 | 1166,4 | 1042,0 | 1373,3 | 7931,0 |
| **Вилояти Суғд** | I | 11391 | 11861 | 12561 | 13967 | 16216 | 21065 | 24326 |
| | II | 2560,8 | 2608,5 | 2658,4 | 2707,3 | 2783,1 | 2823,9 | 2870,0 |
| | III | 4448,2 | 4547,1 | 4725,0 | 5159,0 | 5826,6 | 7459,5 | 8475,9 |
| **Вилояти Хатлон** | I | 6767 | 7045 | 7968 | 9266 | 9368 | 10333 | 10793 |
| | II | 3124,4 | 3198,5 | 3274,8 | 3348,3 | 3459,7 | 3530,0 | 3611,2 |
| | III | 2165,8 | 2202,6 | 2433,1 | 2767,4 | 2707,7 | 2927,2 | 2988,7 |
| **ш. Душанбе** | I | 2483 | 2584 | 2852 | 2946 | 2914 | 3339 | 3536 |
| | II | 831,2 | 831,4 | 846,4 | 863,4 | 1185,4 | 1201,8 | 1221,1 |
| | III | 2987,2 | 3108,0 | 3369,5 | 3412,1 | 2458,2 | 2778,3 | 2895,7 |
| **НТҶ** | I | 1774 | 1846 | 2402 | 3098 | 3424 | 3776 | 4186 |
| | II | 2021,2 | 2069,2 | 2120,0 | 2165,9 | 2060,3 | 2101,0 | 2144,1 |
| | III | 877,7 | 892,1 | 1015,5 | 1430,3 | 1661,8 | 1797,2 | 1952,3 |
| Эзоҳ: I- ҳаҷми маҳсулоти саноатӣ (млн. сомонӣ); II - Шумораи аҳолӣ (ҳазор нафар); III - Маҳсулоти саноатӣ ба ҳар сари аҳолӣ (сомонӣ). | | | | | | | | |

***Аз рӯи сарчашмаи зерин ҳисоб карда шуд:*** *Минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон. Шумораи аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе – 2022. С. 17-20, 122-124.*

Ҳангоми гузаронидани таҳлили иқтидори корхонаҳои саноатӣ дар навбати аввал баррасӣ намудани зернизомҳои таркибии он мувофиқи мақсад аст, зеро онҳо дар рушди саноат аҳамияти калидӣ доранд: иқтидори табиӣ-захиравӣ, сармояи меҳнатӣ, зернизоми истеҳсолӣ, таъминоти молиявӣ. Онро чунин исбот кардан мумкин аст, ки маҷмуи иқтидори иҷтимоӣ-иқтисодии корхонаи саноатӣ тараққиёти фаъолияти истеҳсолии корхонаҳои саноатиро муайян менамояд.

Сохторибандии низоми саноатӣ мавҷудияти алоқаҳои ҷоришуда ва муносибатҳои байни унсурҳои онро муайян менамояд. Ин ҳолат ташаккулёбӣ ва ҳаракати захираҳои молиявӣ, иттилоотӣ, меҳнатиро байни унсурҳои микромуҳити корхонаи саноатӣ ба миён меорад. Вобаста ба ин ташаккули оптималии сохторӣ дар саноат алоқаҳои амудӣ ва уфуқӣ, ба расмият даровардашуда ва ғайрирасмӣ кардашудаи корхонаҳои саноатиро такмил хоҳад дод. Баробари ворид намудани иқтидор ба низоми корхонаҳои саноатӣ ҷалб намудани имкониятҳои истифоданашуда пешбинӣ мегардад. Ба ибораи

дигар зернизоми идоракунӣ дар асоси захираҳои мавҷуда иқтидорро ташаккул дода, онҳоро барои ба даст овардани натиҷаҳо ҷалб менамояд.

Аз рӯи ин гуфтаҳо дар ҷадвали 4 тағйирёбии истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ, ҳаҷми он ба ҳар сари кормандони саноатӣ, оварда шудааст.

**Ҷадвали 4. - Тағйирёбии ҳаҷми умумии маҳсулоти саноатӣ дар вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон**

| Нишондиҳандаҳо | Солҳо | | | | | | | 2022 нисбат ба солҳои 2016 ва 2021, % | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 | 2022 | 2016 | 2021 |
| Шумораи корхонаҳо | 604 | 597 | 633 | 657 | 693 | 733 | 860 | 152,4 | 117,3 |
| Ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ (бо нархи соли 2020) млн. сом. | 9113,0 | 11983,6 | 12690,7 | 14112,0 | 16384,1 | 21282,9 | 24326,3 | 267 | 114,3 |
| Шумораи миёнаи солонаи ҳайъати истеҳсолии саноатӣ, наф. | 30156 | 32068 | 28286 | 35091 | 33236 | 32486 | 32700 | 108,4 | 101 |
| Ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ ба ҳар сари ҳайъати истеҳсолии саноатӣ (ҳаз.сом.) | 302,2 | 373,7 | 448,7 | 402,2 | 493 | 655,1 | 743,9 | 246,2 | 113,5 |
| Шумораи ҳайъати истеҳсолии саноатӣ ба ҳисоби миёна ба ҳар як корхона | 50 | 54 | 45 | 53 | 48 | 44 | 38 | 76 | 86,4 |

***Сарчашма:*** *Омори солонаи вилояти Суғд. Сарраёсати Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилояти Суғд.-Хуҷанд, 2023.-С. 179.*

Аз рӯи маълумоти омории дар ҷадвали 4 овардашуда мушоҳида кардан мумкин аст, ки дар давоми давраи таҳлил шумораи корхонаҳои саноатӣ дар вилояти Суғд соли 2022 нисбат ба соли 2016 256 адад зиёд шудааст. Дар давоми солҳои 2016-2022 дар корхонаҳои саноатии вилояти Суғд ҳосилнокии меҳнат (ҳаҷми маҳсулоти саноатӣ ба ҳар сари кормандон) рӯ ба афзоиш ниҳодааст. Баробари ин шумораи ҳайъати истеҳсоли саноатӣ дар ҳар як корхонаи саноатӣ тамоюли ноустувор дорад. Новобаста ба ин ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноат дар соли 2022 нисбат ба соли 2016 2,67 маротиба афзоиш ёфтааст. Зиёдшавии маҳсулоти саноатӣ 52,4% аз ҳисоби баландшавии ҳосилнокии меҳнат ба миён омадааст.

Таҳлил собит менамояд, ки дар саноатикунонии иқтисодиёти минтақавии вилояти Суғд саҳми шаҳру ноҳияҳо, яъне ноҳияи Б. Ғафуров ш. Гулистон, ш. Панҷакент, н. Айнӣ хеле назаррас мебошад (ҷадвали 5).

**Ҷадвали 5. - Гурӯҳбандии рушди иқтисодии минтақаи вилояти Суғд дар асоси ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ дар соли 2022**

| Гурӯҳи минтақа | Шаҳру ноҳияҳои вилояти Суғд | Нишондиҳандаҳои ҳаҷми маҳсулоти саноатӣ бо % |
|---|---|---|
| I. Минтақаҳои пешқадам (ҷойҳои 1-4) | н. Б. Ғафуров, ш. Гулистон, ш. Панҷакент, н. Айнӣ | аз 15 зиёд |
| II. Минтақаҳои ишғолкунандаи мавқеи миёна (ҷойҳои 5-9) | ш. Хуҷанд, ш. Истаравшан ш. Бӯстон, н. Спитамен, ш. Исфара | аз 2 то 15 |
| III. Минтақаҳои ишғолкунандаи мавқеи поёнӣ (ҷойҳои 10-14) | ш. Конибодом, н. Мастчоҳ, н. Ашт, н. Ҷ. Расулов, н. Зафарабод | аз 1 то 2 |
| IV. Минтақаҳои ишғолкунандаи мавқеи оқибмонда (ҷ. 15-18) | к. кӯҳ. Масчоҳ, ш. Истиқлол, ш. Деваштич, ш. Шаҳристон | аз 1 хурд |

***Коркарди муаллиф:** Сарчашма: Омори солонаи вилояти Суғд. Сарраёсати Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилояти Суғд.-Хуҷанд, 2023.-С. 179.*

Аз рӯйи ҷадвали 5 овардашуда аён мегардад, ки дар саноати вилояти Суғд саҳми ноҳияи Б. Ғафуров бештар буда, он дар соли 2022 зиёда аз 22% маҳсулоти саноатии минтақавиро ташкил додааст. Ҳиссаи шаҳри Гулистон – 18,4%, шаҳри Панҷакент – 17,3%, ноҳияи Айнӣ –15,8% - ро ташкил карда, аз рӯи ин нишондиҳандаҳо маълум мегардад, ки дар ин шаҳру ноҳияҳои вилоят зиёда аз 73,5% маҳсулоти саноатии минтақавии вилояти Суғд истеҳсол карда мешавад ва дар минтақаҳои пешқадам дохил карда мешавад. Панҷ шаҳру ноҳияҳои вилоят ш. Хуҷанд-7,3%, ш. Истаравшан-3,6%, ш. Бӯстон-2,9% , н. Спитамен-2,6%, ш. Исфара-2,5% 18,9% маҳсулоти саноатии минтақа рост меояд, ки ба минтақаҳои ишғолкунандаи мавқеи миёна ҳастанд, боқӣ монда, нӯҳ шаҳру ноҳияҳо бошанд, дар минтақаҳои ишғолкунандаи мавқеи поёнӣ ва оқибмонда (суст рушд карда истодаанд) қарор доранд.

Бинобар ин интихоб ва инкишофи корхонаҳои мавҷуда метавонад ба сифати “муҳаррик” баромад карда, тамоми ҷумҳуриро аз бӯҳрони тӯлонӣ раҳо дода, рушди иқтисодии устуворро таъмин намояд. Таъмини тараққиёти бахши саноатӣ дар асоси принсипҳои саноатикунонии босуръати кишвар ҳамчун асоси ба даст овардани рушди иқтисоди самаранок ва устувор, инкишофи ҳама шаклҳои соҳибкориро дар соҳаи саноат пешбинӣ мекунад. Инкишоф ва тавсеаи ҳамаи шаклҳои соҳибкорӣ метавонад барои ба вуҷуд овардани ҷойҳои корӣ ва таъмини бозори дохилӣ бо молҳои истеҳсолоти ватанӣ заминаи мусоид фароҳам орад. Аз таҷрибаи мамлакатҳои тараққикарда маълум аст, ки дар аксарияти онҳо маҳз ҳавасмандгардонии инкишофи соҳибкории хурду миёна дар давраи гузариш имконияти таъмини рушди иқтисодии устуворро фароҳам овардааст.

Дар асоси таҳлили коррелятсионӣ-регрессионии нишондиҳандаҳои асосии рушди иқтисоди минтақа, муодилаи зерини регрессионӣ ба даст

оварда шуд. Таъсирри нишондиҳандаҳои асосӣ ба маҷмуи маҳсулоти саноатӣ дар вилояти Суғд дар ҷадвали 6 оварда шудааст.

**Ҷадвали 6. - Нишондиҳандаи интизорӣ ва тағйирёбандаҳои омилӣ дар рушди ҳаҷми маҳсулоти саноатии минтақа дар вилояти Суғд**

| Солҳо | Хачми МММ (бо нархҳои соли 2022) (млн. сомони) | Шумораи корхонаҳо | Шумораи миёнаи солонаи корман-дони саноатӣ, (нафар) | Воридот (млн.сомонӣ) |
|---|---|---|---|---|
| 2000 | 1755 | 223 | 31241 | 29,0400 |
| 2001 | 1976,6 | 237 | 31093 | 70,9920 |
| 2002 | 2198,2 | 229 | 29837 | 127,4400 |
| 2003 | 2419,8 | 220 | 28768 | 168,8753 |
| 2004 | 2641,4 | 224 | 28581 | 217,9351 |
| 2005 | 2863 | 217 | 26518 | 326,8685 |
| 2006 | 2984,6 | 219 | 24527 | 531,8613 |
| 2007 | 3106,2 | 228 | 23439 | 776,1866 |
| 2008 | 3227,8 | 233 | 21059 | 1011,8020 |
| 2009 | 3349,4 | 464 | 18058 | 1580,9033 |
| 2010 | 3471 | 461 | 18895 | 1895,5346 |
| 2011 | 4123,8 | 470 | 26118 | 2821,1319 |
| 2012 | 4776,6 | 459 | 27270 | 3607,6990 |
| 2013 | 5429,4 | 550 | 26600 | 4394,9410 |
| 2014 | 6082,2 | 566 | 22500 | 5753,4451 |
| 2015 | 6735 | 698 | 28746 | 8718,8765 |
| 2016 | 9113 | 604 | 30156 | 10715,5701 |
| 2017 | 11983,6 | 597 | 32068 | 12854,5744 |
| 2018 | 12690,7 | 633 | 28286 | 10547,9506 |
| 2019 | 14112 | 657 | 35091 | 77926,7430 |
| 2020 | 16384,1 | 693 | 33236 | 123612,9600 |
| 2021 | 21282,9 | 733 | 32486 | 116219,3700 |
| 2022 | 24326,3 | 860 | 32700 | 137026,3939 |

***Сарчашма:*** *Омори солонаи вилояти Суғд. – Хуҷанд, Сарраёсати Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилояти Суғд, 2023.-С.179, 369, 288. Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2023 С. 112.*

Ҳисоби муаллиф:

| *Регрессионная статистика* | |
|---|---|
| Множественный R | 0,959935206 |
| R-квадрат | 0,9214756 |
| Нормированный R-квадрат | 0,91362316 |
| Стандартная ошибка | 1904,406896 |
| Наблюдения | 23 |

Мувофиқи ҳисобу китоб қолаби регрессияи бисёркарата сохта шуд:

$$У = -708{,}7665 + 12{,}9468 * X_1 + 0{,}0916 * X_3$$

Муодилаи мазкур нишон медиҳад, ки байни омили натиҷавӣ ва таъсиррасонанда алоқамандии хеле зичи мусбат ҷой дорад, зеро коэффисиенти коррелятсионӣ ба 0,9599 баробар мебошад. Коэффитсиенти детерминатсия ба 0,9214 баробар аст, ки маънои ба 92,14% вобаста будани тағйирёбии нишондоди интизорӣ аз омилҳои таҳқиқшавандаро медиҳад. Дар асоси нишондиҳандаҳои ҳисоб кардашуда пешгӯии нишондиҳандаҳои рушди соҳаи саноат дар минтақа то соли 2030 дар ҷадвали 7 оварда шудааст.

**Ҷадвали 7. - Пешгӯии нишондиҳандаҳои рушди саноат дар минтақаи вилояти Суғд**

